Тақризи машваратчии илмӣ

ба рисолаи номзадии Назирзода Рамазон Сафар дар мавзӯи «Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (Weigela thunb ва Clematis L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01- зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шуда.

Рисолаи Назирзода Рамазон Сафар ба омӯхтани хусусиятҳои биологии намуди авлоди Weigela Thunb. ва Clematis L. дар шароити шаҳри Душанбе, муайян намудани муваффақияти интродуксия, усулҳои самараноки зиёд кардан ва муайян намудани самаранокии иқтисодии сабзонда парвариш кардан бо мақсади истифода бурдан дар кабудизоркунӣ ва ташкилотҳои ободонии шаҳр бахшида шудааст.

Яке аз растаниҳои аз ҳама зебои дар таҷрибаи кабудизоркунии ҷаҳонӣ истифода баранда намудҳои авлоди Weigela Thunb. ва Clematis L. мебошад, ки онҳо сифати баланди ороишӣ доранд, аз ин лиҳоз онҳо ба номгӯи буттаҳо барои муҳити шаҳрро кабудизор кардан, номзад интихоб карда мешаванд.

Таҳқиқотҳои мазкур ҳам аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳам амалӣ актуалӣ мебошад, барои он ки хулосаҳои оварда шуда ва тавсияҳо имконият медиҳанд, ки масъалаҳои агротехникаи сабзондани буттаҳо ва ихғичи печонро ҳал намуда, ба интродуксияи объектҳои интихоб шуда баҳои пурра дода шавад.

Назирзода Рамазон Сафар ҳангоми иҷрои нақшаи кори илмӣ мустақилона объектҳоро омӯхта, роҳҳои зиёд кардани онҳоро кор карда баромадааст. Натиҷаҳои ҳосил шударо дар амал санҷида дар боғи «Парчами миллӣ» барои ороиш истифода бурдааст. Агротехникаи сабзонда парвариш намудани буттаҳои вейгела ва клематисро пешниҳод намудааст, ки барои дар оянда истифода бурдан имконияти хуб фароҳам меорад.

Ичунин дар коркарди натиҷаҳои ҳосил шуда мустақилият зоҳир намуда, онҳоро ҳаматарафа таҳлил намудааст. Унвонҷӯй дар таҳқиқи растаниҳои зебогулкунанда, буттаҳо ва изғичи печон завқи баланд зоҳир намуда якчанд намуди аз байн рафтаро аз нав интродуксия намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ маърӯза намуда ба муҳокимаи олимон пешниҳод намудаст ва дар якчанд мақолаҳои илмӣ нашр кардааст.

Унвонҷӯй Назирзода Р.С. дар масъалаи интродуксияи навъҳои нави растаниҳои ороишӣ барои зиёд намудани номгӯи растаниҳои нодири зебогулкунанда барои кабудизоркунӣ ва ороиши боғҳои истироҳатӣ, фарҳангӣ ва фароғатӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ҳангоми истифодаи ин

навъи растаниҳо дараҷаи ороишии боғҳо хело баланд шуда онҳо дилкашу зебо мешаванд. Унвонҷӯй ҳамаи масъалаҳои ба нақша гирифтаро ҳал намудааст ва дар соҳаи бунёди боғҳои намуди баланди ороишӣ дошта саҳми арзанда гузоштааст, аз ин лиҳоз диссертатсияи ӯ ба талаботи Комиссияи Аттестатсионии Давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, худи Назирзода Р.С. ба дараҷаи номзади илмҳои кишоварзӣ, ихтисоси 06.01.01-зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Машваратчии илмӣ:
профессори кафедраи
хоҷагии ҷангал ва
бунёди чаманзор,
д.и.б., профессор Нимадҷонова К.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 146,
E-mail: n_kime@mail.ru
Телефони моб. (+992) 985-40-99-44

Имзои Нимадҷонова Кимёҷонро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо
Раджабова Н.А.